«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти фалсафа сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.ф., профессор
_____ Маҳмадизода Н.Д.
_____ соли 2025

Хулосаи
ҷаласаи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа

Диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Андешаҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷукӣ» дар шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа омода гардидааст.

Каримова Сумая Рустамовна соли 03.11.1992 дар шаҳри Душанбе дар оилаи зиёи ба дунё омадааст. Соли 2014 Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифаро бо ихтисоси «Фалсафа ва иллоҳиёт» хатм карда, зинаи магистратураро дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ идома дода, онро соли 2020 бо ихтисоси таърихи фалсафа ба анҷом расонидааст. Номбурда соли 2021 ба зинаи докторантура, доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳовиддинови Академияи

миллии илмҳои Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2024 хатм намуд. Каримова С.Р. айни ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи илмҳои ҷамъиятии Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – Шамсов Муборакшо Саловудинович, номзади илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи диссертатсионии Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Андешаҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ» қайд карлан зарур аст, ки:

Рисолаи мазкур ба омӯзиши яке аз донишмандону файласуфон ва маорифпарварони барҷастаи Афғонистон, ки дар асри XX фаъолият намуда буд, бахшида шудааст. Илова бар ин, ӯ яке аз фаъолтарин маорифпарварон ва ислоҳотчиёни асри XX дар Афғонистон ба ҳисоб рафта, асосгузори нахустин Академияи илмҳои Афғонистон мебошад. Дар пешравии матбуот, радио, нашрияҳои сершумори рӯзномаву маҷаллаҳо, театри афғон, студияҳои мусиқӣ кӯшиш ва заҳматҳои зиёд намудааст. Инчунин дар соҳаи дипломатӣ низ фаъолият намуда, ҳамчун сафири Афғонистон дар Ҳиндустон ва Миср барои густариши робитаҳои илмию адабии Афғонистон бо ин ду кишвар саҳми бузург гузоштааст. Вай муҳаррири Энсиклопедияи ҷаҳони исломӣ дар Китобхонаи миллии Британияи Кабир интихоб шуд. Фаъолияти илмӣ ва адабии Салҷуқӣ барои пурзӯр намудани муборизаи халқи афғон ба мукобили мустамликадорӣ ва инчунин барои тараққиёт ва гул гулшукуфии ватани худ нигаронида шуда буд. Ӯ ҳамчун маорифпарвар омӯхтан ва рушди маорифро василаи бузурги аз байн бурдани низоъҳо ки бар пояи таассуби мазҳабӣ ва ҷаҳолат қарор дорад медонист.

Фаъолияти илмӣ ва адабии Салҷуқӣ барои пурзӯр намудани муборизаи халқи афғон ба мукобили мустамликадорӣ ва инчунин барои тараққиёт ва гул гулшукуфии ватани худ нигаронида шуда буд. Ӯ ҳамчун маорифпарвар омӯхтан ва рушди маорифро василаи бузурги аз байн

бурдани низоъҳо ки бар пояи таассуби мазҳабӣ ва ҷаҳолат қарор дорад медонист.

Ҷойи таассуф аст, ки чунин андешаҳои илман ва мазмунан ҷолиб ва дорои аҳамияти баланди тарбиявӣ-ахлоқии Салоҳуддини Салҷуқӣ то кунун на дар Афғонистон, на дар хориҷи он, аз ҷониби муҳаққиқону пажӯҳишгарон ба таври амиқу маҷмӯавӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин хотир муаллифи ин рисолаи илмӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки таълимоти фалсафии Салҷуқиро бо таҳқиқи маҷмӯавӣ фаро гирифта, ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва антропологии онро баррасӣ намояд ва аҳамияти илмию амалии консепсияи фалсафии мутафаккирро ҳамчун як манбаи муфиди илмию назариявии таълиму тарбияи шоистаи ҷавонону наврасон, ҳамчун як воситаи фарҳангии муқовимат бо мафкураи ифротгароӣ нишон диҳад.

Мақсади таҳқиқот таҳлили ғояҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ ба ҳисоб меравад, илова бар ин муаллиф дар рисола мақсад ва вазифаҳои зеринро иҷро намудааст, ки иборатанд аз:

-тавсифи умумии замони зиндагӣ ва фаъолияти илмию адабии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- шарҳи вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- муайян кардан ва шарҳ додани заминаҳои ғоявию фарҳангии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- шарҳи аҳвол, фаъолияти илмию адабӣ ва осори Салҳуддини Салҷуқӣ;

- тасвифи умумии низоми фалсафаи ирфони Салоҳуддини Салҷуқӣ;

-таҳқиқи андешаҳои ҳастишиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- таҳлилу арзёбии назарияи маърифатшиносии мутафаккир;

- таҳлили муқоисавии таълимоти инсоншиносии Салоҳуддини Салҷуқӣ;

- шарҳу тавзеҳи андешаҳои Салоҳуддини Салҷуқӣ оид ба табиат ва моҳияти иҷтимоии инсон;

- нишон додани ҷанбаҳои муҳим ва навоваронаи таълимоти Салоҳуддини Салҷуқӣ оид ба проблемаҳои озодӣ, мақсад ва мазмуни ҳаёти инсон;

-муайян кардани мақом ва нақши Салоҳуддини салҷуқӣ дар таърихи афкори ҷамъиятию фалсафии Афғонистон.

Муаллиф дар рисола қайд мекунад, ки мероси илмӣ ва адабии Салҷуқӣ берун аз марзи Афғонистон кам таҳқиқ карда шудааст. Андешаҳои фалсафии ӯ аз ҷониби олимон ва донишмандони тоҷик умуман мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Олимон ва мутафаккирони Ғарб ва Шарқ, ки бо мероси эҷодии Салҷуқӣ шинос ҳастанд, аз ҷумла, муҳақиққони мисрӣ мисли Мансури Фаҳмӣ, Муҳаммад Шавкат Алтунӣ, доктор Башир Ансорӣ, Абуроа Маҳмуд ва ғайраҳо, ба шахсиятии ӯ ҳамчун олим, шоир, мутафаккир баҳои баланд додаанд. Онҳо ҳангоме, ки Салҷуқӣ дар Миср ҳамчун сафир адои хизмат менамуд, бо ӯ шахсан ошноӣ доштанд. Дар Миср ӯ бо забони арабӣ чандин китобу мақолаҳо таълиф намуда буд ва дар як муддати кӯтоҳ дар доираҳои илмии Миср ба шахси мӯътабар ва обрӯманд табдил ёфт. Аз ин рӯ олимоне, ки дар боло зикр намудем, бо осори Салҷуқӣ ошноӣ доштанд ва ӯро ҳамчун файласуф, маорифпарвар, олим, адабиётшинос, сиёсатмадор эътирофу тавсиф кардаанд.

Навгонии илмӣ аз он иборат аст, ки бори аввал дар он:

- мероси фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ ба таври маҷмуавӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудааст;

- таҳлили ҷараёни ташаккули шахсиятии Салҷуқӣ ҳамчун олим ва файласуф анҷом дода шудааст;

- ҷаҳонбинии фалсафии Салҷуқӣ таъйин ва аз нуқтаи назари интиқодӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст;

- андешаҳои фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ бо назарияҳои ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ ва инсоншиносии дигар мутафаккирон муқоиса карда шудааст ва умумияту фарқиятҳои онҳо нишон дода

шудаанд;

- бахшҳои онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ ва инчунин зебоишиносии низоми фалсафии Салоҳуддини Салҷукӣ ба таври ҷудогона ва муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқотро мукарарроти илмӣ ташкил медиҳад, ки дар осори файласуфони Ғарб ва Шарқ зиёд ба чашм мерасад. Муаллифи рисола ҳангоми пажӯҳиш ва арзёбии масъалаҳои таҳқиқшаванда, таҳлили андешаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва антропологии мутафаккир аз усулҳои анъанавии умумиилмии фалсафӣ, таҳлили системавӣ, муқоиса, таҳлилу таркиб ва дигар усулҳои илмию мантиқӣ истифода бурдааст. Дар таҳқиқот мақолаҳои илмӣ, андешаҳо, семинарҳо, конфронсҳо, монографияҳо, китобҳо ва маҷмуаҳои мақолаҳои олимон, адибон ва мутахассиссони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида ба ҳаёт, афкор ва осори Салоҳуддин Салҷукӣ, ки дар кишварҳои гуногун ташкил ва нашр шудаанд, инчунин, китобҳо, мақолаҳо, баромадҳо ва мактубҳои Салоҳуддини Салҷукӣ ба ҳайси сарчашма ҷамъоварӣ шудаанд истифода намудааст.

Олимон ва мутафаккирони Ғарб ва Шарқ, ки бо мероси эҷодии Салҷукӣ шинос ҳастанд, аз ҷумла, муҳаққиқони мисрӣ мисли Мансури Фаҳмӣ, Муҳаммад Шавкат Алтунӣ, доктор Башир Ансорӣ, Абуроа Маҳмуд ва ғайраҳо, ба шахсияти ӯ ҳамчун олим, шоир, мутафаккир баҳои баланд додаанд.

Ба осори фалсафию адабии Салҷукӣ олимони эронӣ низ таваҷҷуҳ кардаанд. Донишмандоне чун Аҳмади Бобак, Давлатободи Басир, Муаллими Ҳасан, Муҳаммад Мисбоҳ, Муртазо Мутаҳҳарӣ, Марзбони Парвиз, Муҳаммадҳусайн Табатабоӣ, Фуқуҳи Насир ва дигарон, ба эҷодиёти Салҷукӣ баҳои баланд додаанд ва борҳо суханҳои ӯро иқтибос овардаанд. Аммо ҳеҷ яке аз муҳаққиқони Эрони низ эҷодиёти ӯро пурра таҳқиқ накардааст.

Эҷодиёти илмию адабии Салоҳуддини Салҷукӣ аз мадди назари

олимону муҳаққиқони шӯравӣ ва муосири русу тоҷик низ берун мондааст. Аммо дар осори теъдоде аз муаррихони русу тоҷики садаи XX номи ӯ дар қатори маорифпарварону донишмандони бузурги Афғонистон зикр шудааст. Дар байни онҳо асарҳои Р.Т. Ахромович, Ю.В. Ганковский, В.Г. Коргун, С.Б. Панин, В.А. Ромодин, Л.Б. Теплинский, А.М. Родригес, Х.Н. Назарова, ва дигаронро метавон зикр кард.

Донишмандони маъруфи Афғонистон аз ҷумла Халилуллоҳ Халиллӣ, Муҳаммад Ҳусайни Вафо, Ҳабиб Навобӣ, Гулмуҳаммад Ориёи Назарӣ, Шермуҳаммади Насрӣ, Осуда Таҳмос, Саид Қосим Риштиё, Саодатмулуки Тобиш, Холмуҳаммади Хаста, Ҳусайни Неъмат, Холмуҳаммади Шокир, Шокир Ғуломумар, доктор Башир Ансорӣ ва дигарон ба назарияи ӯ дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, махсусан фалсафӣ муроҷиат намуда ба фикру ақидаҳои ӯ баҳои баланд додаанд.

Диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсионӣ 4 мақолаи илмӣ ба табъ расонида аст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиадиҳанда нашр гардидаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд:

[1-М]Каримова С.Р. Ҳаёту фаъолият ва асарҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷукӣ. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, №4, 2022, саҳ 142-145.

[2-М]Каримова С.Р. Андешаҳои инсоншиносии Салоҳуддин Салҷукӣ. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, №2, 2023, саҳ 163-167.

[3-М]Каримова С.Р. Мақоми иҷтимоии ахлоқии инсон аз назари салоҳуддин Салҷукӣ. // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, №4, 2023, саҳ 134-139.

[4-М]Шамсов М.С., Каримова С.Р. Назарияи маърифат дар осори Салоҳуддин Салҷуқӣ. // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, №8, 2024, саҳ 94-99.

[5-М] Каримова С. Р. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши худшиносии миллӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ» маъруза: «Ташаккули ҳуввияти милли аз нигоҳи Салоҳуддин Салҷуқӣ».

[6-М] Каримова С.Р. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Илмат ба амал чуёр гардад», маърӯза: «Таълимоти иҷтимоӣ-ахлоқии инсон аз назари Салоҳуддин Салҷуқӣ».

Диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзӯи «Андешаҳои фалсафии Салоҳуддин Салҷуқӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020102 - Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар, аз ҷумла 3-профессор, 5 - доктори илм, 5 - номзади илм.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар; «зид» - нест; «бетараф» - нест. Суратҷаласаи №03 аз 21 феврали соли 2025

Сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи
ИФСҲ АМИТ, д.и.ф. , лотсент **Диноршоева З.М.**
Котиби ҷаласа **Каримова Б.**

Имзои Диноршоева З.М. ва Каримова Б.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири кадрҳои ИФСҲ АМИТ **Абдураҳмонзода Б.**